# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми такмили таркиби луғавии забони адабӣ ба ҳисоб рафта, бо ҳамин роҳ таркиби луғавӣ тараққӣ меёбад. Ҳар як халқ дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ бо истифода аз қолабҳои гуногуни калимасозӣ калимаҳои зиёде сохтаанд, ки барои рушду такомули минбаъдаи забон таъсири амиқ гузоштаанд.

Диссертатсияи илмии Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи ҳамин масъалаи ҷолиби диққат бахшида шудааст.

**Аҳаммияти қобили таваҷҷуҳи кори илмии унвонҷӯйи мазкур ва навгонии таҳқиқи ӯ** дар он инъикос мегардад, ки дар забоншиносии муосири тоҷик нахустин маротиба таҳқиқи калимасозии сифат бар мабнои «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ дар шакли як коркарди алоҳидаи диссертатсионӣ таҳқиқоти фарогиру бисёрпаҳлу сурат мегирад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит** мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносии ватаниву хориҷӣ истифода мешавад. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методи таҳқиқ масбут гардидааст. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки андешаҳоеро, ки муаллифи диссертатсия дар иртибот бо мавзуи мавриди баҳсаш баён кардааст, метавон зимни омӯзиш ва таҳқиқи масоили назариявии қисмати морфология ва умуман забоншиносии тоҷик, ҳамчунин, таҳия, коркард ва мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, маводду васоити таълимии

марбут бар назм, навиштану таълифи осори гуногунсатҳи илмӣ, амсоли: мақолаҳо, монографияҳо ва диссертатсияҳо ва дигар анвои корҳои илмӣ ба таври васеъ истифода кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар иртибот бо мавзуи таҳқиқ 20 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 8-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12-тои боқимонда дар дигар маҷмуаву нашрияҳо нашр гардидаанд. **Маводди банашррасида бо** мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос менамоянд ва, бад-ин тариқ, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Диссертатсия аз **муқаддима**, **3 боб, 30 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда,** дар умум 173 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Он чи муаллиф дар қисмати мундариҷа ва муқаддима матраҳ ва масъалагузорӣ кардааст, дар ҳар бобу фусули кор ҳалли комили худро ёфтааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар **боби якуми** диссертатсия - «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки фарогири 9 фасл мебошад, муаллиф кӯшидааст роҷеъ ба пешвандҳои дар асари мазкур истифодашуда, аз қабили: ба-, бар- , бе-, но-, то- ва пешвандгунаҳои пур-, хуш-, дил-, сер- таҳқиқот бубарад. Муаллиф дар асоси пешвандҳои фавқуззикр аз "Ёддоштҳо"-и устод мисолҳои шоҳиди муътамад оварда, бад-ин тариқ андешаҳои худро мудаллалу собит сохтааст, ки шоистаи зикр аст.

**Дар боби 2-юми** диссертатсия - «Калимасозии сифат бо пасвандҳо дар

«Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ки калонтарин қисмати кор мебошад, муаллиф дар ҳаҷми 18 фасл роҷеъ ба пасвандҳое, ки дар созмондиҳии сифатҳо дар асари устод нақш гузоштаанд, мулоҳиза меронад. Аз пажуҳиши муаллиф маълум мегардад, ки дар вожасозиҳои устод Айнӣ пасвандҳои -а, -акӣ, -ам, -вар, -гар, -гун, -ук, -уманд, -ик, -сор, -ина, -она, -онӣ, -ин / -гин, -нок, -манд, -ӣ, (-гӣ, -вӣ) нақши аввалиндараҷа доранд. Ҳама мисолҳои шеърии ироанамудаи муаллиф бо мундариҷаи фаслҳо робитаи зич дошта, даъвии соҳиби таҳқиқро дар иртибот бар матолиби пешовардааш собит месозанд.

Дар **боби 3-юми** диссертатсия, ки мавсум ба «Сохтори сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ва фарогири се фасл мебошад, муаллиф кӯшидааст, ки дар хусуси сифатҳои мураккаби пайваст, сифатҳои мураккаби тобеъ ва сифатҳои мураккаби омехта таҳқиқот бубарад. Он чи ки дар ин боб, махсусан, шоистаи зикр аст, ин аст, ки муаллиф ҷиҳати муайян кардани се навъи мураккаби сифатҳои фавқуззикр ковиши амиқ карда, анвоъ ва роҳҳои гуногуни сохташавии сифатҳои муракакабро бо мисолҳои шоҳид аз асари устод Айнӣ собит сохтааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионии Шаҳнозаи Турсунзода баъзе камбуду ғалатҳо мушоҳида мешаванд, ки бар ҳусну тамомияти кор то ҷое халал ворид месозанд. Бинобар ин, ҷиҳати пешрафти таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Ҳамчунин, дар кор ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ, китобат ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни таҳқиқоти муаллифро меафзояд. Чунончи: Хатоҳои имлоӣ: Вожаи “рӯҳӣ” - дар саҳ. 4; исми Саъдӣ Шерозӣ - дар саҳ. 5, “хоси” - дар саҳ. 11; “Ал муъҷам” - дар саҳ. 21, ки бояд ба ҷойи онҳо руҳӣ, Саъдии Шерозӣ, хосси ва “Ал-муъҷам” биёянд;
2. Дар мавриди хатоҳои марбут бар аломатҳои китобат бояд зикр кард, ки муаллиф дар аксари маворид зимни овардани иқтибосот аз мисолҳои шоҳид ба ҷойи аломати тире нимтиреро истифода кардааст.

Аммо вуҷуди камбуду хатоҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ бар умумият ва камоли кор хадшаи ҷиддӣ ворид намесозанд, балки муаллиф метавонад онҳоро баъдан, зимни нашри монографияи илмӣ ислоҳ намояд.

Автореферати диссертатсия бо меъёрҳои роиҷи кори илмӣ мутобиқат менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии Шаҳнозаи Турсунзода бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошанд.

Хулоса, кори таҳқиқии Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи «Калимасозии сифат дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ», ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири шуъбаи мониторинг ва идораи
сифати таълими Донишгоҳи давлатии Данғара: Раҳмоналиев Ҷ.Х.
**Нишонӣ:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил., Хатлон, ноҳ. Данғара, кӯч. Марказӣ, 25
**Тел:** (+992) 902444485
**E-mail:** rahmonaliev89@gmail.com

Имзои Раҳмоналиев Ҷ.Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

**Нишонии муассиса:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил., Хатлон, ноҳ. Данғара, кӯч. Марказӣ, 25
Тел: (+992) 8331222806; 905773310
E-mail: dddangara_2013@mail.ru;
avliyoqulov97@mail.ru

«5» сентябри соли 2025